Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-104 дар назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33)

**ТАҚРИЗИ**

**мушовири илмӣ ба диссертатсияи доктории Мирзода Фирӯз Сафаралӣ дар мавзуи «Ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ ва нақши он дар рушди устувори ҷомеаи муосири Тоҷикистон (таҳлили сотсиологӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сотсиологӣ аз рӯйи ихтисоси 5.4.3. – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ**

Диссертатсияи доктории Мирзода Фирӯз Сафаралӣ ба яке аз мавзуъҳои муҳимми илми сотсиология, махсусан, соҳаи алоҳидаи он – сотсиологияи ҳуқуқ бахшида шудааст. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он ҷиҳат мубрам аст, ки ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ яке аз унсурҳои муҳимми сохтори иҷтимоии ҷомеа буда, тавассути иҷрои вазифаҳои иҷтимоии худ рушди устувори ҷамъиятро таъмин менамояд. Ҳамзамон, дар давлате, ки роҳи эъмори давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандиро пеш гирифтааст ва ҳуқуқ пояи асосии онҳоро ташкил медиҳад, омӯзиши масъалаҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқии ҷомеа аз аҳаммияти махсус бархӯрдор мебошад.

Дар диссертатсияи доктории муҳаққиқ муҳимтарин масъалаҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқии ҷомеаи муосири Тоҷикистон, аз ҷумла асосҳои назариявӣ ва методологии ҳуқуқ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ, вазъи

фазои ҳуқуқии ҷомеа дар давраи гузариши ҷомеа, зарурати ногузири азнавсозии ҳуқуқ, мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба талаботҳои рӯзафзуни шаҳрвандон, хусусиятҳои хоси ҳувияти ҳуқуқӣ, вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ, нақши ҳуқуқ дар барқароршавӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҳамбастагии синфи миёна ва ҳуқуқ, сабабҳои пайдоиш, паҳншавӣ ва роҳҳои пешгирии нигилизми ҳуқуқӣ, ҳолати шуур ва маданияти ҳуқуқии шаҳрвандон ва масъалаҳои иҷтимоишавӣ ва маърифати ҳуқуқӣ ба таври фарогир ва амиқ таҳқиқ гардидаанд.

Ҷиҳати муҳимми диссертатсияи доктории Мирзода Фирӯз Сафаралӣ дар он ифода мeёбад, ки диссертант андешаҳои мутафаккирони асримиёнагии форсу тоҷик ва назарияҳои сотсиологии классикони сотсиологияи ғарбиро дар бораи ҷанбаҳои иҷтимоии ҳуқуқ, нақши ҳуқуқ дар тартиботи иҷтимоӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, адолати иҷтимоӣ, амали қонун дар ҷомеа, ҷойгоҳи ҳуқуқ дар сохтори иҷтимоии ҷомеа вазифаҳои иҷтимоии ҳуқуқ, муносибати аҳолӣ ба падидаҳои гуногуни ҳуқуқӣ ва дигар масъалаҳои ба мавзуи таҳқиқотӣ алоқаманд таҳлил намуда, хулосаҳои худро ба таври мушаххас иброз кардааст.

Муаллиф ба вазифаи ҷойивазнамоии ҳуқуқ ва ҳамбастагии он ба ташаккули синфи миёна таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст. Диссертант дар заминаи таҳлили натиҷаҳои таҳқиқотҳои сотсиологӣ ва маводи зиёди илмӣ ба хулосае омадааст, ки ҳуқуқ барои ҷойивазкунии иҷтимоии амудии болораванда шароити зарурӣро фароҳам месозад, зеро шаҳрвандон дар натиҷаи татбиқи ҳуқуқу озодиҳои худ вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии худро тағйир дода метавонанд. Инчунин бо зиёд шудани намояндагони табақаи миёнаи аҳолӣ шумораи шаҳрвандони қонунпазир ва дорои амалу рафтори

ҳуқуқӣ афзуда, сатҳи ҳуқуқвайронкунӣ ва каҷрафториҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа коҳиш меёбад.

Дар Тоҷикистон то ҳол аз ҷониби ҷомеашиносони ватанӣ институти иҷтимоии ҳуқуқ бо равиши сотсиологӣ ва методҳои таҳқиқоти сотсиологӣ мавриди омӯзиши амиқ ва фарогир қарор нагирифтааст. Аз ин сабаб, таҳқиқу баррасии мавзуи диссертатсияи доктории Мирзода Фирӯз Сафаралӣ дар шароити бунёди ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд мубрам мебошад.

Муҳаққиқ дар раванди навиштани диссертатсияи доктории худ аз асарҳои классикони илмҳои ҷомеашиносӣ, таҳқиқотҳои донишмандони ватанӣ ва хориҷӣ, монографияҳо ва мақолаҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқотҳои сотсиологӣ, ки худ бевосита дар гузаронидан, коркард ва таҳлили натиҷаҳои онҳо иштирок кардааст, маълумоти омори расмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Тоҷикистон, маводи сомонаҳои интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ васеъ ва самаранок истифода бурдааст. Иқтибосҳо ва адабиёти илмӣ бомаврид ва дуруст тасвият ёфтаанд.

Дар диссертатсияи докторӣ мақсад ва вазифаҳои гузошташуда дар сатҳи зарурӣ иҷро шуда, дорои як қатор навгониҳо мебошад. Муҳаққиқ ҳангоми навиштани диссертатсия маҳорату қобилияти баланди мустақилона гузаронидани тадқиқоти илмиро нишон додааст. Натиҷаҳою хулосаҳои бадастовардаи диссертант асоснок мебошанд ва диссертатсия кори илмию таҳқиқотии мустақилона анҷомёфта ба ҳисоб меравад. Ҳамаи пешниҳод ва нуктаҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳои дар тадқиқоти диссертатсионӣ овардашуда асоснок буда, аз ҷиҳати назариявию амалӣ тасдиқ шудаанд ва аҳаммияти илмӣ доранд.

Муҳтавои диссертатсияи докторӣ ба номи мавзуъ ва шиносномаи ихтисоси 5.4.3. – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ мутобиқат менамояд. Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар монографияи нашршуда ва мақолаҳои илмӣ, маърузаҳои муаллиф дар конференсиҳои илмӣ-назариявии сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ ва таҳқиқотҳои сотсиологӣ таҷассум ёфта, ба талаботи мавҷуда мувофиқанд.

Теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои асосӣ ба муҳтавои диссертатсияи докторӣ ва автореферати он мутобиқат менамояд. Мазмуну мундариҷаи диссертатсия, хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд. Автореферати диссертатсия ва интишороти илмии муаллиф муҳтавои асосии диссертатсияи доктириро пурра ифода менамоянд.

Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегарадад, ки муҳаққиқ доир ба мавзуи диссертатсияи доктории худ якчанд таҳқиқоти сотсиологӣ гузаронида, натиҷаҳои онро мутақилона коркард ва таҳлил намуда, ба таври васеъ истифода бурдааст. Таҳқиқоти илмии диссертант дорои як қатор навгониҳои илмӣ буда, ҳамзамон, муаллиф барои ҳалли масъалаҳои дар диссертатсия баррасинамудаи худ тавсияҳои илман асоснок ва татбиқшавандаро пешниҳод кардааст.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи доктории Мирзода Фирӯз Сафаралӣ дар мавзуи «Ҳуқуқ ҳамчун институти иҷтимоӣ ва нақши он дар рушди устувори ҷомеаи муосири Тоҷикистон (таҳлили сотсиологӣ)» таҳқиқоти илмии тахассусии мустақилона ва анҷомёфта буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои

сотсиологӣ аз рӯйи ихтисоси 5.4.3. – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ (илмҳои сотсиологӣ) мебошад.

**Мушовири илмӣ:** доктори илмҳои
сотсиологӣ, профессор, мудири шуъбаи
Институти фалсафа ва сиёсатшиносии
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Ш. Шоисматуллоев**
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. Рӯдакӣ, 33
E-mail: afkor1946@gmail.com
Тел.: (+992) 93-508-68-78

**Имзои д.и.с., профессор Ш. Шоисматулоевро тасдиқ менамоям:**
Нозири калони шуъбаи кадрҳои
Институти фалсафа ва сиёсатшиносии
ба номи А. Баҳоваддинови Академияи
миллии илмҳои Тоҷикистон **Б. Абдураҳмонзода**
ш. Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ, 33, 734025
«_03_» «_02_» 2026.